# ХУЛОСАИ

**шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 назди Донишгоҳи миллии Ҷоҳикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

**Парвандаи аттестатсионии №**
**қарори шурои диссертатсионӣ**
**аз 25-уми апрели соли 2026, №98**

**Дар бораи сазовор донистани Саидзода Меҳрубон Акбархон, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.**

Диссертатсияи Саидзода Меҳрубон Акбархон дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ санаи 24-уми январи соли 2026, №90 аз ҷониби шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кучаи Буни Ҳисорак, толори шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносӣ, фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05 июли соли 2024, №225/шд) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Унвонҷӯ Саидзода Меҳрубон Акбархон соли 2010 ба факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ба ихтисоси ҳуқуқшиносӣ дохил шуда, онро соли 2015 хатм намудааст.

Бо фармони сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11-уми ноябри соли 2015, №515 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуда, онро соли 2019 хатм намудааст. Ҳамин тариқ, бо фармони сардори Академияи ВКД аз 19-уми марти соли 2016, таҳти №125 ба ҳайси сардори кабинети кафедраи фанҳои ҳуқуқи граждании факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти кории худро шуруъ карда, аз соли 2019 то инҷониб ба ҳайси омӯзгори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва психологияи факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми ноябри соли 2025, №4 муҳокима ва ба ҳимоя тавсия дода шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Шарипов Тақдиршоҳ Шарифович, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо

коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

**Муқарризони расмӣ:**

– **Абдухамитов Валиҷон Абдуҳалимович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия-Тоҷикистон.

– **Гайратов Тимуршо Муборакшоевич** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дотсент, декани факултети иқтисод ва тиҷорати Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон.

Ба ҳайси муассисаи пешбар Муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон».

Дар хулосаи мусбати додашудаи муассиса, ки аз ҷониби ташхисгар, Оралбаев Х.Х., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, омода гардида, аз ҷониби мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Бобозода Ҷ.Қ. ва котиби ҷаласа номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Табаров Н.А. имзо ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, Сатторзода Б.А. санаи 17 марти соли 2026 тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Бояд қайд намуд, ки рисолаи илмӣ аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои сатҳи баланди мантиқӣ мебошад. Дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ қонунгузории амалкунандаи ҷиноятӣ вобаста ба масъала мавриди назар ва таҳлили ҳамаҷониба қарор гирифтааст. Дар натиҷаи таҳлил, паҳлӯҳои мусбати қонунгузории мазкур муайян ва ҳамзамон, баъзе камбудиву норасоиҳои он ошкор карда шудааст. Муаллиф дар асоси таҳлили анҷомдода пешниҳодҳои мушаххаси назариявиро таҳия намуд, ки барои бартараф намудани камбудиҳои муайянгардида ва такмили танзими қонунгузорӣ равона шудаанд.

Аз ҷониби рисоланавис шарҳу маънидоди муаллифона оид ба муаммоҳои назариявӣ ва амалии мавзуи таҳқиқот пешбарӣ гардида, дар асоси онҳо пешниҳодҳое коркард шудаанд, ки ба ҳалли вазифаҳои қайдгардида, ҳам дар сатҳи назариявӣ ва ҳам дар сатҳи амалӣ равона мешаванд. Унвонҷӯ доир ба таҳқиқоти диссертатсионӣ 10 мақолаи илмӣ ба табъ расонидааст, ки аз ин шумора 7 адади он дар маҷаллаҳои

тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 мақолаи дигар дар нашрияҳои дигар ба табъ расидаанд.

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[1–М].** Саидова М.А. Самоубийство – исключительно человеческий феномен [Матн] / М.А. Саидова // Вестник Таджикского национального университета. – 2017. – №2/3. – С.263-265; ISSN 2413-5151.

**[2–М].** Саидова, М.А. Понятие, социально-правовая обусловленность доведения до самоубийства [Матн] / М.А. Саидова // Вестник Таджикского национального университета. – 2017. – №2/5. – С.222-229; ISSN 2413-5151.

**[3–М].** Саидова, М.А. Омилҳои даст ба худкушӣ задани ҷавонону ноболиғон ва роҳҳои пешгирии он [Матн] / М.А. Саидова // Осори Академия. – 2018. – №1 (37). – С.157-166; ISSN 978-99947-738-0.

**[4–М].** Саидова, М.А. Ҷавобгарӣ нисбат ба амали худкушӣ тибқи меъёрҳои дини ислом [Матн] / М.А. Саидова // Осори Академия. – 2018. – №2 (38). – С.170-178; ISBN 978-99947-738-0. ISSN 2412-141X.

**[5–М].** Шарипов, Т.Ш., Саидзода М.А. Инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан дар давраи аввали Ҳокимияти Шуравӣ [Матн] / Т.Ш. Шарипов М.А. Саидзода // Маҷаллаи Академияи ҳуқуқ. – 2025. – №3 (55). – С.194-199; ISSN 2305-0535.

**[6–М].** Саидзода, М.А. Субъекти ба худкушӣ расонидан [Матн] / М.А. Саидзода // Паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2025. – №7. – С. 257-263; ISSN 2413-5151.

**[7–М].** Саидзода, М.А. Инкишофи қонунгузории Ҷумхурии Тоҷикистон оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан дар давраи пас аз Ҳокимияти Шуравӣ [Матн] / М.А. Саидзода // Маҷаллаи Академияи ҳуқуқ. – 2025. – №4 (56).. – С. 171-175; ISSN 2305-0535.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

**[8–М].** Саидова, М.А. Тамоюлҳои асосии илмӣ перомуни мафҳум ва моҳияти объекти ҷинояти ба худкушӣ расонидан [Матн] / М.А. Саидова // I-умин конференсияи илмӣ-амалӣ байналмилалӣ дар мавзуи «Илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи он»: маводи конференсия бахшида ба Рӯзи илми тоҷик (29-уми апрели соли 2022). – Душанбе: «Нашриёти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон», 2022. – С. 285-293.

**[9–М].** Саидзода, М.А. Ҷавобгарӣ барои ба худкушӣ расонидан тибқи қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ [Матн] / М.А. Саидзода // IV-умин конференсияи илмӣ-амалӣ байналмилалӣ дар мавзуи «Илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи он»: маводи конференсия бахшида ба Рӯзи илми тоҷик (18-уми апрели соли 2025). – Душанбе: «Нашриёти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон», 2025. – С. 437-445.

**[10–М].** Саидзода, М.А. Ҷудо намудани таркиби ҷинояти ба худкушӣ расонидан аз дигар таркибҳои монанд [Матн] / М.А. Саидзода // конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муосир ва рушд»: маводи конференсия бахшида ба 27-солагии Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (21-уми майи соли 2025). – Душанбе: «Нашриёти ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон», 2025. – С. 165-171.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**Давлатзода Д.Д.** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, сардори Раёсати ҳуқуқи дастгоҳи Раиси шаҳри Душанбе.

**Саидзода А.М.** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, прокурори шуъбаи мубориза бо ҷиноятҳои кибернетикии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушовири адлияи дараҷаи 3.

**Қобилзода Б.Қ.** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва муқовимат ба коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.

Ҳамаи тақризҳо мусбат арзёбӣ гардида, дар онҳо баъзе эродҳое оварда шудаанд, ки баҳсталабанд.

1. Дар матн қайд шудааст, ки ба худкушӣ расонидан метавонад дар шакли «беҳаракатӣ» (масалан, таъмин накардан бо доруворӣ ё ғизо) низ сурат гирад (саҳ. 22, 93-94 диссертатсия). Аммо, диспозитсияи амалкунандаи моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳдид, муомилаи бераҳмона, паст задани шаъну эътибор) бештар ба «ҳаракатҳои фаъол» нигаронида шудааст. Муаллифро лозим буд, ки пешниҳоди мушаххас оид ба такмили қонунгузорӣ барои ворид кардани шакли «беҳаракатӣ» ба ин модда пешниҳод намояд.

2. Дар матн омадааст, ки дар КҶ РСС Тоҷикистон соли 1961 ҷавобгарии мустақил барои ёрӣ расонидан ё талқини худкушии ноболиғон (ки дар КҶ 1935 мавҷуд буд) хориҷ карда шуд (саҳ. 46 диссертатсия). Муаллиф инро бо «одамкушӣ» бандубаст шудани ин амал асоснок мекунад, вале ҷиҳати баҳсталаби ин масъала – яъне мушкилоти исботи қасди одамкушӣ дар ин ҳолатҳо – дар матн ба таври васеъ кушода нашудааст.

3. Баъзе пешниҳодҳои марбут ба такмили қонунгузории ҷиноятӣ метавонанд бо далелҳои иловагӣ асоснок карда шаванд. Бояд қайд намоем, ки эродҳои мазкур хусусияти ҷузъӣ дошта, сифат ва сатҳи рисолаи анҷомдодашударо коҳиш намедиҳанд, балки мавқеи муаллифро ҳангоми ҳалли масъалаҳои гуногун дар алоҳидагӣ нишон медиҳанд.

**Муқарризон ва муассисаи пешбар** бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Бояд зикр намуд, ки муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар аз руйи ихтисоси 5.5.8 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ интихоб гардида, таҳқиқоти илмие, ки онҳо ба анҷом расонидаанд ба мавзуи таҳқиқотии муаллиф алоқамандии зич дорад.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

**- коркард карда шуд:** Таҳқиқоти мазкур аввалин кори илмӣ дар ин самт ба ҳисоб рафта, навгонии илмиаш дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф бори нахуст дар сатҳи кори илмӣ масъалаҳои назариявӣ ва амалии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба таври комплексӣ ва ҳамаҷониба таҳлил намудааст;

**- пешниҳод шудааст,** ки ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаи мустақил дар бораи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои моилсозӣ ба худкушӣ ё мусоидат дар содир намудани он ворид карда шавад. Ин модда метавонад дар таҳрири зерин ифода гардад:

«Моддаи 109¹. Моилсозӣ ба худкушӣ ё мусоидат дар содир намудани он

Моилсозӣ ба худкушӣ – таъсири қасдонаи равонӣ ба шуури шахси дигар тавассути эътиқод, талқин ё дигар усулҳои психологӣ, дар ҳолате ки аломатҳои ба худкушӣ расонидан, ки дар моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, мавҷуд нестанд.

Мусоидат дар худкушӣ – додани тавсияҳо, маслиҳатҳо, иттилоот, инчунин пешниҳод намудани воситаҳо ё ашёе, ки барои содир намудани худкушӣ истифода мешаванд, ё анҷом додани дигар амалҳое, ки шахсро ба маҳрум сохтани ихтиёрии худ аз ҳаёт таҳрик медиҳанд».

**- исбот шудааст:** Объекти намудии ҷиноятe, ки дар моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, маҷмӯи муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки ҳифзи ҳуқуқи инсонро ба ҳаёт таъмин менамоянд. Ин муносибатҳо ба муҳофизати инсон аз ҳар гуна кирдорҳои ғайриқонунӣ, ки ба ҳаёти ӯ таҳдид эҷод мекунанд, равона гардидаанд. Объекти асосии бевоситаи ин ҷиноят (моддаи 109 КҶ ҶТ) он муносибатҳои ҷамъиятӣ ба шумор мераванд, ки

имконияти шахсро барои мустақилона ихтиёрдорӣ намудани ҳаёти худ таъмин намуда, ҳамзамон ҳаёти ӯро аз дахолати беруна ҳифз мекунанд. Ба ибораи дигар, кирдори ҷиноятии мавриди баррасӣ ба яке аз неъматҳои бунёдии шахс – ҳуқуқи ҷудонопазири ӯ ба ҳаёт ва ба худмуайянкунии сарнавишти шахсӣ, ки бо тартиботи ҳуқуқӣ кафолат дода шудааст, таҷовуз менамояд;

- **ҷорӣ намудан:** Барои ноил шудан ба ягонагӣ ва дақиқии бандубасти кирдорҳо тибқи моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мувофиқи мақсад аст, ки қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва қабул гардад. Дар он бояд тавсияҳо ва шарҳҳои равшан оид ба аломатҳои ин ҷиноят дода шаванд, аз ҷумла нисбат ба шакли гуноҳ, муҳтавои усулҳои содир намудани ҷиноят, аломатҳои ба худкушӣ расонидан, ки онро аз таркибҳои муҷовир фарқ мекунанд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои бадастомада низоми донишҳои мавҷударо оид ба масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро ғанӣ гардонида, барои фақгузорӣ намудани ин ҷиноят аз таркиби ҷиноятҳои монанд имконият медиҳанд.

Ҳамин тавр, аз рӯйи натиҷаҳои бадастомада, ба чунин хулосаи асоснок омадан мумкин аст, ки таҳқиқоти мазкур метавонад дар рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва қонунгузории ҷиноятӣ саҳми сазовор гузошта, дар баробари ин баҳри бартараф намудани норасоиҳои ҷойдоштаи амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ ёрӣ расонад.

Аҳаммияти амалии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки хулоса ва пешниҳодҳои дар диссертатсия ҷойдошта мумкин аст дар соҳаи илмӣ-таҳқиқотӣ ҳамчун мавод барои коркарди минбаъдаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон; дар фаъолияти ҳуқуқэҷоднамоӣ ҳангоми коркарди таклифу пешниҳодҳо оид ба даровардани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории ҷиноятии амалкунанда бо мақсади такмили минбаъдаи он; дар фаъолияти ҳуқуқтатбиқнамоӣ ҳангоми татбиқи қонунгузории ҷиноятӣ дар самти бандубасти ҷинояти мазкур; дар ҷараёни таълим ҳамчун мавод барои таълими Қисми махсуси ҳуқуқи ҷиноятӣ, тайёр намудани фаслҳои алоҳидаи китобҳои дарсӣ, воситаҳои таълимӣ, тафсири илмӣ-амалии КҶ ҶТ истифода шаванд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта** ва натиҷаҳои диссертатсияи мазкурро дар раванди омузиши фанни «Ҳуқуқи ҷиноятӣ», инчунин курсҳои махсуси «Ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт» ва «Асосҳои илмии бандубасти ҷиноятҳо» истифода бурдан ба мақсад мувофиқ хоҳанд буд. Қобили зикр аст, ки дар кори илмӣ бо истифода аз методи муқоисавӣ-ҳуқуқӣ

танзими ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фаъолияти ҳуқуқэҷоднамоӣ ҳангоми коркарди таклифу пешниҳодҳо оид ба даровардани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории ҷиноятии амалкунанда бо мақсади такмили минбаъдаи он мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

- **баён шудани** таърифи муаллифии худкушӣ ҳамчун навъи махсуси рафтори ғайриахлоқии шахсият, ки моҳияти он дар қатъи ихтиёрӣ ва огоҳонаи ҳаёти худ ифода меёбад. Ин кирдор аз ҷониби инсон зери таъсири омилҳои манфии равонӣ ё ҳолатҳои беруна содир мегардад, ки дар натиҷаи таъсири муҳити атроф ба вуҷуд омада, дар вайроншавии тавозуни эҳсосии дохилӣ, ҳолати равонӣ ва самтгириҳои ахлоқии шахс зоҳир мешаванд.

- **ошкор гардидани** ҳамчун объекти иловагии ҷиноят шаъну эътибори шахсият баромад мекунад, ки дар ҷараёни содир намудани кирдор ба он таъсири харобиовари равонӣ расонида мешавад. Чунин таъсир метавонад ба оқибатҳои манфии иҷтимоӣ-психологӣ, ахлоқӣ ва ҳатто сиёсӣ-психологӣ оварда расонад, ки тамомияти шахсияти ҷабрдидаро халалдор месозанд. Ҳамин тариқ, таъсири ғайриқонуние, ки зери диспозитсияи моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мегирад, на танҳо ба ҳаёт ва мутсақилияти шахсии инсон зарар мерасонад, балки ба арзишҳои ғайримоддии ӯ – шаъну эътибор низ осеб мерасонад. Ин ҳолат зарурати ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии ҳар дуи ин ҷанбаҳоро асоснок менамояд.

- **омухта шуданд:** Қонунгузории миллӣ, қонунгузориҳои ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ, қарорҳои дахлдори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводдои таҷрибаи судӣ вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ба худкушӣ расонидан тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- **аз нав такмил додани:** Меъёрҳои қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ба худкушӣ расонидан ба ҳисоб меравад. Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиқ карда мешаванд, ки натиҷаҳои таҳлил метавонанд ҳангоми такмили меъёрҳои КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятии ҷавобгарӣ барои ба худкушӣ расонидан ба таври назаррас амиқ ва рушд диҳанд ва имкон медиҳанд, то ки равишҳо нисбат ба бандубаст, фарқгузорӣ ва дарки моҳияти ин ҷиноят аз нав баррасӣ гарданд. Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур метавонанд ҳамчун маводи методӣ ва илмӣ дар фаъолияти таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ, ҳангоми таълими фанҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва муассисаҳои такмили ихтисос, истифода гарданд.

- **муайян карда шуданд**, ки натиҷаҳои бадастомада, ба чунин хулосаи асоснок омадан мумкин аст, ки таҳқиқоти мазкур метавонад дар рушди

минбаъдаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва қонунгузории ҷиноятӣ саҳми сазовор гузошта, дар баробари ин баҳри бартараф намудани норасоиҳои ҷойдоштаи амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ ёрӣ расонад.

- **офарида шуд**: Бо мақсади тақвияти таъсирнокии танзими ҳуқуқӣ – ҷиноятӣ ва баланд бардоштани самаранокии мубориза бо ҷиноятҳои марбут ба ба худкушӣ расонидан, муаллиф пешниҳод менамояд, ки диспозитсияи моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи васеъ намудани номгӯйи кирдорҳои манъшуда такмил дода шавад. Аз ҷумла, пешниҳод мегардад, ки ҳамчун шаклҳои мустақили содир намудани ин ҷиноят чунин кирдорҳо пешбинӣ гарданд, ба мисли: фишори равонӣ бо истифода аз таҳдидҳо, тӯҳмат (бӯҳтон), таҳқири мунтазам, паҳн намудани маълумоти таҳқиромез нисбат ба шахсияти ҷабрдида, тарсондан ва дигар шаклҳои таъсири равонӣ. Ин иқдом имкон медиҳад, ки ҳифзи самараноки ҷабрдидагон аз чунин кирдорҳои ғайриқонунӣ таъмин карда шавад..

- **муаррифӣ карда шуд**: Бо назардошти таҷрибаи қонунгузории давлатҳои пасошуравӣ, мувофиқ мебуд, ки номгӯйи ҳолатҳои вазнинкунандаи ҷавобгарӣ барои ба худкушӣ расонидан васеъ карда шавад ва ба он ҳолатҳои зерин шомил гарданд: дар ҳолати ошкоро оҷиз будани ҷабрдида; содир намудани ин ҷиноят нисбат ба ду ё зиёда ҷабрдида; содир намудани ҷиноят аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ ё гурӯҳи муташаккили ҷиноятӣ; содир намудани ҷиноят бо истифода аз шабакаҳои телекоммуникатсионӣ, аз ҷумла шабакаи Интернет.

- **асоснок шудааст**, ки моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо муқаррароти нав пурра карда шавад, ки ҷавобгариро барои ба худкушӣ расонидан тибқи қисми 1 ҳамин модда, агар он аз рӯи ангезаҳои ғаразнок содир шуда бошад, пешбинӣ намояд. Чунин кирдорҳо ҳамеша бо қасди бевосита содир мегарданд, зеро гунаҳгор дарк менамояд, ки танҳо баъди вафоти ҷабрдида метавонад ба молу мулк, маблағҳои пулӣ, дигар неъматҳои моддӣ соҳиб шавад ё аз вобастагии моддӣ нисбат ба ҷабрдида халос гардад. Ҷорӣ намудани чунин меъёр ба мубориза самараноктар бо ҷиноятҳои дорои ангезаҳои ғаразнок мусоидат хоҳад намуд.

- **истифода шудаанд:** Истифодаи заминаҳои васеи таҷрибавӣ, ки дар шакли маълумотҳои гуногуни оморӣ, ҷамъбасти маводи таҷрибаи судӣ ва таҳлили як қатор парвандаҳои ҷиноятӣ оварда шудаанд, бармеояд. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти рисолаи илмӣ ба он хотир эътимоднокaccess, ки онҳо дар асоси таҳлили Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра ба даст омадаанд.

- **муайян шудаанд:** Зери мафҳуми «ба худкушӣ расонидан» бояд кирдорҳои ғайриқонунии шахс фаҳмида шаванд, ки дар шакли таҳдидҳои

мунтазам, истифодаи фишори равонӣ ё зӯроварӣ, пастзании такрории шаъну эътибори инсон, инчунин фароҳам овардани шароити аз ҷиҳати равонӣ вазнин ифода меёбанд. Ин гуна кирдорҳо ҷабрдидаро водор месозанд, ки қарорҳои огоҳона дар бораи маҳрум сохтани худ аз ҳаёт қабул намояд ё ба содир намудани кӯшиши чунин амал даст занад.

- **истифода шуданд:** Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Саҳми шахсии муаллиф дар нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, навгонии илмии диссертатсия, мақолаҳои илмии муаллиф, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конфренсияҳои илмӣ-амалӣ таҷассум ёфтааст.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 25 апрели соли 2026 қарор қабул карда шуд, ки ба Саидзода Меҳрубон Акбархон дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05 июли соли 2024, №225/шд тасдиқ гардидааст 14 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 4 нафарашон доктор ва 1 нафар номзад аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 14 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ 14 нафар, муқобил - нест, бетараф - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Назаров А.Қ.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **Мирзозода Қ.Х.**

**25-уми апрели соли 2026**